**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Фатулоҷони Умарзода дар мавзуи «Ҳумоми Табрезӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ. -Душанбе, 2024.- 195 сафҳа.**

Адабиёти куҳанбунёд ва оламшумули форсӣ-тоҷикӣ шуарову нависандагони зиёдеро парварида, ки ҳар яке аз онҳо дар ғанӣ гардонидани ганҷинаи тамаддуни башарӣ саҳми бориз доранд. Дар радифи нобиғагони адаби форсии тоҷикӣ, чун устод Рӯдакиву Ҳаким Фирдавсӣ, Буалӣ Синову Умари Хайём, Шайх Саъдиву Хоҷа Ҳофиз, Шайх Камолу Мирзо Бедил ва садҳо бузургони дигар шоирону нависандагоне ба ин забони шево осори гаронарзише офаридаанд, ки мутаассифона, онҳо ба таври шоиста шинохта ва таҳқиқ нашудаанд.

Яке аз ин гуна шоирони закитабъи соҳибҳунар Ҳумоми Табрезӣ мебошад, ки дар таҳаввул ва тарвиҷи жанри ғазал нақши намоён дорад, вале чунонки шоиста аст, омӯхта нашуда ва саҳми ӯ дар такомули адаби форсӣ ба таври воқеӣ таъин нагардидааст. Аз ҳамин ҷиҳат, ба сифати рисолаи номзадӣ баргузида шудани мавзуи «Ҳумоми Табрезӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти ӯ» аз тарафи аспиранти кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Фатулоҷони Умарзода айни мудао ва хеле актуалӣ мебошад. Қобили зикр аст, ки дар диссертатсия бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик ҳаёт ва эҷодиёти яке аз намояндагони адабиёти асри X111 ба таври монографӣ мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтааст. Диссертатсия дар асоси маълумоти шарҳиҳолии мавҷуд дар девони шоир, ахбори сарчашмаҳои зиёди адабию таърихӣ навишта шуда, дар таълифи кор муаллиф беш аз 50 тазкираю баёз ва ҷунгу таърихнома ва дигар осори гаронарзиши адибони асримиёнагиро истифода бурдааст. Муаллиф дар асоси усули таърихӣ-қиёсии омӯзиши осори адабӣ ба таҳқиқи масоили мавриди назари худ пардохта, ба дастовардҳои донишмандони хориҷию ватанӣ такя

кардааст. Фатулоҷони Умарзода бо камоли диққат, нуктасанҷона ва дар асоси далелу мадракҳои гӯё рӯзгору осори шоирро баррасӣ намуда, натиҷаҳои дилхоҳ ба даст овардааст. Азбаски муроди муаллифи диссертатсия таҳқиқи ҳамаҷонибаи шарҳи ҳол ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти ин шоири мумтоз аст, кор ба ҳамин мақсад ба бобҳо ва матлабҳо тақсим шуда, ки ҳеч як паҳлуи мавзуи мавриди таҳқиқ дар канор намондааст.

Дарвоқеъ, ҳамин тарзи таҳқиқ дар солҳои охир дар ховаршиносии ҷаҳон ва адабиётшиносии Эрон низ мавқеъ дорад, зеро он беҳтарин роҳи дарёфти ҳақиқати зиндагиномаву осори суханварон ва матлаби эшон мебошад. Диссертатсияи Фатулоҷони Умарзода ба таҳқиқи масоиле ихтисос дорад, ки актуалӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи замон буда, ба ихтисоси10.01.01-Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ камилан **мувофиқат менамояд.**

Аз он ҷо Ҳумоми Табрезӣ яке аз шоирони ғазалсарои номвари адабиёти форсӣ-тоҷикист, исми ӯ дар аксари тазкира ва дигар сарчашмаҳои адабию таърихӣ, ки доир ба шоирони асри Х111 маълумот додаанд, зикр шудааст. Дар Ҷумҳурии исломии Эрон илова бар маълумоти китобҳои таърихи адабиёти форсӣ баъзе аз донишмандон, монанди Фозил Аббосзода, Носир Ализода, Шоҳин Гешакӣ, Муҳаммадризо Ҳисоракӣ ва Рашид Айвазӣ дар бораи рӯзгор ва паҳлуҳои гуногуни осори Ҳумоми Табрезӣ мақолаҳои ҷудогона навиштаанд. Рашиди Айвазӣ девони шоирро ба нашр омода намуда, муқаддимаи муфассале навиштааст. Муаллифи диссертатсия ҳамаи онҳоро баррасӣ намуда, бо далелҳои илмӣ собит менамояд, ки гарчанде «роҷеъ ба аҳволи Ҳумом дар илми шарқшиносии Шарқу Ғарб мақолаҳои алоҳидаи илмӣ таълиф шудаанд, аммо рисолаи комиле, ки тавонад паҳлуҳои гуногуни ҳаёту осори ӯро фаро гирад, нашр нашудааст» (автореферат, с., 5). Муаллифи ин сатрҳо, ки муҳаққиқи адабиёти аҳди классикӣ мебошад ва дар бораи адабиёти асрҳои Х-Х1У китобу мақолаҳои зиёде навиштааст, дар бораи Ҳумоми Табрезӣ таҳқиқи шоёне мушоҳида накард. Хусусан, дар бораи ғазалиёти Ҳумоми Табрезӣ, ки шоирони тирози аввали ғазалсарои адаби порсӣ чун Хоҷа Ҳофизу Салмони Соваҷӣ ва Носири Бухороию Камоли

Хуҷандӣ аз ӯ истиқбол кардаанд, таҳқиқоти ҷиддие анҷом наёфтааст. Худ ин аз **аҳаммият ва мубрамии мавзуи мавриди таҳқиқ гувоҳӣ медиҳад.**

Ҳадафи муаллифи диссертатсия таҳқиқи илмии шарҳи ҳоли Ҳумом ва баррасии хусусиятҳои мундариҷавию ғоявӣ ва бадеии ғазалиёти ӯ мебошад. Бо ин мақсад, муаллиф вазифаҳое назди худ мегузорад, ки ӯро ба таҳқиқи амиқи мавзуъ ҳидоят мекунанд. Воқеан, то ҳунари шоирии ғазалсарои тирози аввали адаби порсӣ, алалхусус шоирони аҳди классикӣ чун Ҳумоми Табрезӣ таъин нагарданд, дар бораи ривоҷи ғазалсароии адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ба таври қатъӣ сухан гуфтан ғайриимкон аст.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик шарҳи ҳол, нусхаҳои девон, таркиби жанрии девон, хусусиятҳои ғоявӣ, бадеиёти ғазалиёти Ҳумоми Табрезӣ ва ҳунари шоир дар эҷоди ғазал мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтааст. Бо такя ба маълумоти сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва алалхусус осори худи шоир ном, номи хонаводагӣ, лақабу куннийат, соли валодат, соли вафот, устодону наздикон ва раванди зиндагии Ҳумоми Табрезӣ таъин гардидааст.

Фатулоҷони Умарзода дар асоси консепсияи илмӣ ва асарҳои назариявии донишмандони ватанию хориҷӣ шарҳи ҳол ва хусусиятҳои бадеию ороҳои ҳунарии Ҳумоми Табрезиро дар эҷоди ғазал таҳқиқ намуда, ки натиҷаҳои таҳқиқи ӯ **боэътимоданд**. Гузашта аз ин, дар диссертатсия баррасии поэтикаи ғазалиёти шоир, далелу назарсанҷӣ, баҳс бо донишмандони варзида дар мавриди анвои ғазалҳои шоир ва хулосабарории мантиқӣ ба назар мерасад. Ҳаҷми маводди таҳқиқ, интишорот дар мавзуи диссертасия, коркарди натоиҷи таҳқиқ ва асосҳои назариявию методологии кор барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ **мувофиқат мекунад.**

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки маводди диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқро ҳангоми омӯзиши адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ, навиштани китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ доир ба таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, семинару курсҳои ихтисос доир ба тасвирҳои шоиронаву образҳои шеърӣ дар адабиёти классикии форсӣ-

тоҷикӣ барои донишҷӯён, магистрон ва доираи васеи хонандагон истифода бурдан мумкин аст.

Фатулоҷони Умарзода доир ба мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ ба нашр расонида, ки аз ин номгӯй 6 мақола дар феҳристи маҷаллаҳои шомилбудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ чоп гардидаанд. **Маводи нашргардида, ки** дар бахши "Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия" оварда шудааст, масъалаҳои асосӣ, хулосаи таҳқиқ дар фаслу бобҳо ва муҳтавои асосии диссертасияро инъикос менамоянд. Аз ин дидгоҳ, **саҳми шахсии довталаби** дараҷаи илмиро дар раванди пажуҳиши мавзуъ ва дар таҳқиқи ғазали аҳди классикӣ махсус қайд намудан мумкин аст.

Диссертатсияи тақризшаванда аз муқаддима, се боб, ёздаҳ фасл, ду зерфасл хулоса ва феҳристи адабиёт иборат буда, дар маҷмуъ 195 сафҳаи чопи компюториро фаро мегирад. Унвони бобу фаслҳо ва зерфаслҳо бозгӯйи чигунагии сифати илмии рисолаанд. Нақшаи кор чунон таҳрезӣ шуда, ки ҳеч як масъалаи марбут ба мавзуии таҳқиқ аз назар дур намондааст. Сохтори диссертатсия ба хусусият ва характери масъалаҳои мавриди таҳқиқ мувофиқат мекунад. Дар муқаддима, се боб ва хулоса масъалаҳои назариявию амалии рӯзгору осор ва хусусиятҳои бадеии ғазалиёти Ҳумоми Табрезӣ баррасӣ шудаанд. Дар муқаддимаи диссертатсия ҳама унсурҳое, ки тибқи муқаррароти КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин бахш овардани онҳо зарур аст, мушоҳида мегардад ва муназзам баён ёфтаанд. Довталаби дараҷаи илмӣ дар назди худ ҳадафу вазоифи мушаххас гузошта, нуктаҳои асосиро ба ҳимоя пешниҳод намудааст, ки дар адабиётшиносии тоҷик ва дар самти шинохти ғазалиёти Ҳумоми Табрезӣ аҳаммияти хуби илмӣ доранд.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи интихобшуда ва дараҷаи омӯзиши он асоснок карда шуда, мақсад ва вазифаи таҳқиқ, навии илмии он, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ мушаххас ифода ёфтааст. Аҳаммияти таҳқиқ

аз он иборат аст, ки аввалан, он нахустин рисола дар боби рӯзгор ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти Ҳумоми Табрезист, ки ҳамаи паҳлуҳои масъаларо фаро мегирад. Сониян, муаллифи рисола саъй намудааст, то мақоми Ҳумоми Табрезиро дар адаби форсӣ ва нақши ӯро дар таҳаввулу такомули ғазали ошиқонаи орифона собит намояд.

Боби якуми рисола «Зиндагинома ва мероси адабии Ҳумоми Табрезӣ» унвон дошта, аз ду фасл иборат аст. Дар фасли аввал бо такя ба маълумоти беш аз 25 тазкира, асарҳои таърихӣ ва баёзу ҷунгҳо шарҳи ҳоли илмии шоир барқарор шудааст. Дар фасли дуюм, ки аз ду зерфасл иборат аст, нахуст, нусхаҳои хатии девони шоир баррасӣ шуда, сониян, ашъори ӯ аз диди жанр тасниф гардидааст. Фатулоҷони Умарзода ба далелҳои илмӣ ва мадракҳои гӯё сабит менамояд, ки Ҳумом, пеш аз ҳама, шоири ғазалсарост ва шоирони бузурге ба монанди Сайфи Фарғонӣ, Амир Хусрав, Хоҷа Ҳофиз, Убайди Зоконӣ, Салмони Саваҷӣ ва Хоҷа Камоли Хуҷандӣ аз ғазалиёти ӯ истиқбол намудаанд.

**Боби дуюми** диссертатсия ба **мундариҷаи ғоявии ғазалиёти Ҳамоми** Табрезӣ ихтисос дода шуда, аз чаҳор фасл иборат аст. Дар фасли аввал диссертант саъй намудааст, то шеваи офариниши маъниро дар қалаби ғазали Ҳумом баррасӣ намояд. Фатулоҷони Умарзода бо далелҳои илмӣ ва шоҳидҳои шеърӣ собит менамояд, ки “Ҳумом аз ҷиҳати маъниофаринӣ ва навсозии каломи пешиниён” ҳунари халлоқияти адабӣ дорад. Дар фасли дувум мавзуи ишқ дар ғазалиёти шоир баррасӣ шуда, диссертант собит менамояд, ки Ҳумом дар ин масъала аз пайравони ирфони ошиқонаи Хуросон, ҳамон мактаби ирфонии Шайх Аттору Мавлоност. Дар фасли севум ашъори мадҳии дар қолаби ғазал сурудаи Ҳумом таҳқиқ шуда бошад, дар фасли чаҳоруми боби дувум афкори дидактикии шоир мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Қисмати асосии диссертатсияро **боби севум** ташкил медиҳад, ки аз панҷ фасл иборат буда, дар он **хусусиятҳои бадеии ғазалиёти Ҳумом** мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтааст.

Дар фасли аввал, ки “Устухонбандӣ” унвон дорад, Фатулоҷони Умарзода баъд аз таъини басомади ғазалиёти шоир, онро аз диди сохтари бадеӣ таҳқиқ намуда, чаҳор навъи сохтории ғазал –мусалсал, воқеъбанд, якпора ва давриро мушаххас намудааст. Дар фасли дувум ҷанбаи мусиқоии каломи шоир мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Диссертант саъй намудааст дар баробари таъини ҷанбаҳои берунӣ, ҷанбаҳои дарунии мусиқоии каломи шоирро ба далолили илмӣ ва шавоҳиди шеърӣ собит намояд. Барои ин ҳадаф дар фаслҳои минбаъдаи боби севум, вазн, қофияю радиф ва ороятҳои бадеии ғазалиёти шоир аз диди нав баррасӣ шудаанд.

Хулосаи диссертатсияи Фатулоҷони Умарзода дар 10 банд пешниҳод гардида, истиноди лозим дар охири ҳар банд ба таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст. Хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ фарогири нуктаҳои асосии таҳқиқшуда ва натиҷагирӣ аз бобу фаслҳои диссертатсия мебошанд.

Дар ин кори илмии Фатулоҷони Умарзода, ки муҳассаноти зиёдеро дорост, камбудҳое ба назар расид, киислоҳи он ба манфиати кор аст:

1. Нахуст дар мавриди корбурди истилоҳи «адабиёти форсии тоҷикӣ». Унвонҷӯ дар кори худ истилоҳи «адабиёти форсии тоҷикӣ»-ро ба кор мебарад. Ба андеша мо, истилоҳи «адабиёти форсии тоҷикӣ» марбут ба адабиёти баъд аз асри ХУ1 мебошад. Адабиёти аҳди классикиро бояд «адабиёти форсӣ» ё «адабиёти форсӣ-тоҷикӣ» номид.

2. Умарзода борҳо таъкид мекунад, ки Ҳумом дар эҷоди ғазал ба Шайх Саъдӣ пайравӣ намудааст, аммо ҳеч як ғазали Ҳумом дар муқоиса бо ғазали Саъдӣ таҳқиқ нашуда ва ин таъкид собит нашудааст.

3. Муқоисаи ғазали Ҳумом бо дигар шоирон, аз ҷумла Амир Хусрав, Салмон, Ҳофиз ва Камол, ки аз ӯ пайравӣ кардаанд,. низ сатҳист. Танҳо таъкид шуда, ки байт ё мисраи Ҳумомро тазмин кардаанд ва ё мазмун аз Ҳумом аст.

4.Агар ғазали Ҳумом бо ғазали Саъдӣ ва ё шоирони асри Х1У чун Хоҷуи Кирмонӣ, Ҳофизу Камол ва ё Салмону Носири Бухороӣ аз диди нақди формалистӣ, ки мусанниф ҳангоми таъини ҳунари Ҳумом аз ин нақд кор гирифтааст, муқоиса мегардид, мақоми Ҳумом дар ғазалсароии адаби форсӣ ба дурурстӣ таъин мегардид.

5. Баъзе асарҳои таҳқиқотӣ, ки доир ба созмони дохилиии ғазаланд, аз назари унвонҷӯ дур мондаанд, монанди «Зеҳну забони Ҳофиз»-и Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ ва «Адабиёти классикии форсӣ»-и Артур Ҷон Арбери. Мусанниф аз чаҳор навъи ғазал дар девони Ҳумом хабар медиҳад ва ҳар яке тасниф мекунад. Як навъи ғазал ғазали пароканда аст, Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ онро ғазали «пошон» мегӯяд, ки баргирифта аз таъбири ҳофизонаи «назми парешон» аст ва батафсил бо далоили илмӣ шарҳ додааст. Андешаҳои Ҷ. Арбери низ дар ин масъала қобили таваҷҷуҳ аст, ки аз назари унвонҷӯ дар канор мондааст.

6. Ҳангоми таъини ороёҳои адабии ғазали Ҳумом аз аксари китобҳои дар масъалаи санъатҳои бадеӣ эҷодшуда истифода мебарад, ба ҷуз аз «Такмилаи бадеъи форсӣ-тоҷикӣ»-и устод Абдуннабӣ Сатторзода, ки ҷамъбасти ҳама рисолаҳои қадиму ҷадиди дар ин масъала иншошуда мебошад.

7.Диссертатсияи Фатулоҷони Умарзода аз ҷиҳати риояи имло қобили таҳсин аст, аммо «ихтироъҳо» карда, ки баҳсангез аст. Масалан, вожаи парвардгор бо ҳарфи хурд, аммо Маъшуқ, Ёр (мурод Худованд) бо ҳарфи калон навишта шудааст, вожаи «Ризвон» гоҳе хурд ва гоҳе бо ҳарфи калон меояд. Таъбири «жанри даҳнома» (саҳ.46)-ро ба кор бурда, ки ман мутаваҷҷеҳ нашудам, ки жанр аст.

Ин эродҳо ҷузъӣ буда, ба ҳеч ваҷҳ арзиши илмии рисоларо намекоҳанд.

Хулоса, диссертасияи Ф. Умарзода дар мавзуи «Ҳумоми Табрезӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти ӯ» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ

мебошад. Таҳқиқоти мазкур дар адабиётшиносии тоҷик саҳифаи тоза буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик,равобити адабӣ мебошад

**Муқарриз:**
доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Исрофилниё Ш.Р.
«06» январи соли 2025.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Деҳи боло,162
Тел.: (+992) 93 36 70 999;900909696
E-mail: isrofilniyo@ mail.ru

Имзои Ш.Р. Исрофилниёро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода Халифаев Ф.Н.

Суроға: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Ф. Муҳаммадиев, 17\6.
Телефон: +992-37) 2325029; 2325000;факс: +992372325003.
E-mail: rectorat/dbzkht.tj@mail.ru
«06» январи соли 2025